**ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ**

**ба диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Пас аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурӣ рушди забони тоҷикӣ тамоюли наву замонавӣ пайдо кард. Омӯзишу истифодаи забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он аз доираи маҳдудият ва меъёрҳои бегона ва сохтаи забони адабӣ бо пайдо кардани мақоми давлатӣ хориҷ гашт. Иловатан интишори асарҳо ва маводи зиёди мамнуи замони шуравӣ дар рушду нумуи забони тоҷикӣ мусоидат намуданд. Бар замми ин, дастрасӣ ва таҳқиқи илмҳои нави муосир боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ гаштанд.

Аз ҷумла, омӯзиши масъалаҳои илми лингвофолклористика, ки нахустин рисола дар ин самт ба шумор меравад ва диссертант дар мисоли матнҳои фолклории Сари Хосор мавриди пажуҳиш қарор додааст, метавонад далел ва намунаи андешаҳои зикргардида бошад.

Дар натиҷаи пажуҳиши асарҳои фолклорӣ бо назардошти масъалаҳои лингвофолклористӣ вазъу ҳолати забони адабию гуфтугӯӣ ва ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ, касбу кор, ҳунар, шуғл, рӯзгор, расму оин ва маросимҳо, мавқеъ, шароити зиндагӣ ва дар умум ба таърихи мардуми ҳамон диёру давру замон дар муқоиса бо забони адабию лаҳҷаҳо ва ҳаёти муосири он аён мегардад, ки ин нуктаҳо ба мубрамияти таҳқиқи мавзуъ шомил аст.

Ҳамчунин оғоз бахшидан ба таҳқиқи масъалаҳои лингвофолклористӣ ё ин ки забони фолклор омили дигари зарурати эҷоди диссертатсияи мазкур мебошад.

Омӯзишу таҳқиқи матнҳои фолклории Сари Хосор бо назардошти баррасӣ дар доираи талаботи лингвофолклористӣ паҳлуҳои мухталифи мавзуъ, масъалаҳои забон ва фолклори мардуми ин диёрро аён сохтаанд

ва нишон додаанд, ки барои ҳавасмандон, забоншиносон, фолклоршиносон ва адабиётшиносон аз манфиати илмӣ холӣ нест.

Эҷодиёти даҳонии Сари Хосор тамоми жанрҳои адабиёти бадеӣ ва фолклорӣ, аз ҷумла суруд, рубоӣ, дубайтӣ, байт, зарбулмасал чистон, достон ва афсонаро аз рӯйи ҷинсҳои назмию насрӣ ва драмавӣ дар бар мегирад, ки яке аз боигариҳои асосии маънавию фарҳангии мардум маҳсуб меёбанд. Ва ин манбаъ чун воситаю омили дилхушию вақтгузаронӣ, ҳамчун сарчашмаи ғизои рухӣ ва чун василаи зарурию ниҳоят муфиди тарбия хизмат мекард.

Забони жанрҳои мазкур аз рӯйи нақш ва пуробурангӣ бо хусусияти бадеии худ аз ҳам каме фарқ дошта бошанд ҳам, аммо маъмулан дар доираи истифодаи калимаҳои таркиби луғавӣ тафовути камтар доранд. Ҳамон як калима чи дар шакли адабӣ ва чи дар шакли лаҳҷавӣ дар кулли жанрҳои фолклорӣ вомехӯранд.

Тамоми соҳа, самт ва воҳидҳои забонӣ дар фолклори Сари Хосор чуноне истифода гардидааст, ки таълифи як рисолаи илмӣ барои фарогирӣ ва таҳқиқи комили онҳо кофӣ нест. Аз ин рӯ, дар ин диссертатсия баъзе аз хусусиятҳои фонетикӣ ва лексикии фолклори Сари Хосор аз рӯйи масъалаҳои лингвофолклористӣ мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ омӯзишу баррасии масъалаҳои лингвофолклористикаи Сари Хосор мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқот амалисозии вазифаҳои зеринро дар бар гирифтааст:

- мавриди пажуҳиш қарор додани масъалаҳои назириявӣ дар робита ба забон, фолклор ва лигвофолклористика;

- пешниҳоди назари лингвофолклористӣ ба хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор;

- таҳқиқи ҳодисаҳои фонетикӣ дар фолклори Сари Хосор;

- ҷанбаҳои лексикии фолклори Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ;

- муайян кардани дараҷаи истифодаи диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор;

- баррасӣ ва таснифи диалектизмҳо.

**Асоси назарии таҳқиқ.** Асоси назариявию амалӣ ва методологии таҳқиқоти мазкурро асарҳои илмиву назариявӣ ва амалии забоншиносону фолклоршиносоне, ки соҳаҳои мухталифи забон ва фоклорро дар робита ва минбаъд ҳамчун илми мустақили лингвофолклористика таҳқиқ намудаанд, маҳсуб меёбад. Зимни баррасии масъалаҳои назариявии диссертатсия асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ Ф.И. Буслаев, А.А. Потебня, А.Н. Веселовский, А.П. Евгенева, П.Г. Богатирев, Л.А. Андрейчик, И.А. Оссоветский, А.Т. Хроленко, С.Е. Никитина, Е.Б. Артеменко, Ф.М. Гучетл, С.М. Толстая, Т.А. Агапкина, Л.Н. Виноградова, М.А. Венгранович, М.А. Бобунова, Ю.А. Шуплетсова, С.П. Праведников, Н.А. Пеллинен, И.Н. Саллагова, М.А. Бобунов, А.М. Летова, Ф.О. Абаева, Е.Н. Девитская, Е.Б. Бесолова, Э.С. Идразова ва тоҷик С. Айнӣ, Н. Маъсумӣ, Л. Бузургзода, М. Муҳаммадиев, Ш. Рустамов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Б. Камолиидинов, А. Мирзоев, М. Файзов, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Ниёзӣ, Р. Ғаффоров, Ф. Зикриёев, Н. Бозидов, М. Маҳмудов, Б. Бердиев, Х. Ҳусейнов, Қ. Тоҳирова, Б. Сиёев, Т. Хаскашев, С. Ҳалимов, Д. Саймиддинов, Р. Саидов, С. Сабзаев, С. Назарзода, Д. Хоҷаев, О. Қосимов, Ф. Шарифзода, Ҳ. Султон, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, С. Раҳматуллозода, Н. Гадоев, П. Нуров, С. Мирзоев, Р. Амонов, В. Асрорӣ, Б. Тилавов, М. Фозилов, Б. Шермуҳаммадов, Н. Шакармамадов, Ф. Муродов, С. Фатҳуллоев, Р. Аҳмадов ва Р. Раҳмонӣ асоси назариявию методологӣ қарор дода шудаанд.

Таҳқиқот метавонад ба пажуҳишгарону муҳаққиқон ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи забон, фолклор, лаҳҷа ва лингвофолклоистикаро

мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд, ҳамчун дастур ва роҳнамо хизмат намояд.

Маводи диссертатсия дар таҳқиқоти минбаъдаи олимону донишмандони соҳаҳои мухталифи забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ ва лингвофолклористика мусоидат менамояд.

Пешниҳоди масъалаҳои диссертатсия барои таъсиси бахши илм, фан, ихтисоси лингвофолклористика ва тартиб додани барномаҳои таълимӣ аз фанҳои марбута дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимии дахлдор кумак мерасонад.

**Навгонии таҳқиқи** мазкур, пеш аз ҳама, сарогози истифодаи истилоҳи **лингвофолклористика** ва ҳамчун илм ва фанни мустақил шинохта шудани он дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Баъдан, аз назари масъалаҳои лигвофолклористӣ воҳидҳои забонию фолклории матнҳои эҷодиёти халқи Сари Хосор шуруъ аз овоз то ҷумлаҳо ва матнҳои назмӣ, насрӣ ва драмавӣ бо истифода аз технологияи (фановарии) иттилоотӣ амалан ба ҳисоб гирифта шудаанд, ки дар маҷмуъ зиёда аз 50000 варақаи электрониро ташкил додаанд.

Масъалаи аз назари лингвофолклористӣ амалан ба роҳ мондани пажуҳиши матнҳои фолклории Сари Хосор дар забоншиносии тоҷик бори аввал буда, бо навигариҳои зиёди дигари он метавон дар муҳтавои диссертатсия шинос шуд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур метавонад ба муҳаққиқон, пажуҳишгарон, мутахассиони соҳаи забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва дар умум лингвофолклористика, донишмандон, олимон ва ихлосмандони соҳа ва сатҳои гуногуни зикрёфта роҳнамо бошад.

Дар диссертатсия бори нахуст масъалаҳои назарии баҳси илми лингвофолклористка аз рӯйи матнҳои фолклории Сари Хосор ба миён гузошта шуда, мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд. Ва ин метавонад барои таҳқиқи маводи фолклорӣ дар забоншиносии тоҷик замина гардад.

Дар асоси натиҷа ва хулосаи таҳқиқи мавзуи мазкур мумкин аст дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ лингвофолклористика ҳамчун фан ва ё ихтисос ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаи диссертатсия метавонад дар муассисаҳои олии таълимию илмӣ зимни машғулиятҳои назариявию амалии фанҳои марбут ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва лингфолклористика, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба лаҳҷашиносӣ, фразеология ва услубшиносӣ, инчунин ҳангоми тартиб додани луғатҳо, фарҳангҳои лингвофолклористӣ ва диалектологию фразеологӣ истифода гардад.

Масъалаҳои ироашуда барои мураттаб сохтани барномаҳои таълимӣ ва маҷмуаи таълимию методӣ аз фанҳои лингвофолклористика, вожашиносӣ (лексикология), лаҳҷашиносӣ ва дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба лингвофолклористика истифода мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Боби якум «Масъалаҳои назариявӣ дар робита ба забон, фолклор ва лингвофолклористика», боби дуюм «Назари лингвофолклористӣ ба хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор», боби сеюм «Ҷанбаҳои вожагонии фолклори Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ» ва боби чорум «Диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор»-ро дар бар мегирад.

Дар боби якум оид ба ба таърихи пажуҳиши забон, фолклор ва лингвофолклористика, соҳиби забону муаллифи фолклор, мундариҷа ва сохтори забонии матнҳои фолклории Сари Хосор, суруди «Ман доғ» аз нигоҳи лингвофолклористӣ, дар боби дуюм роҷеъ ба омори овозии фолклори Сари Хосор, сохти овозии диалектизмҳои якҳиҷоӣ, мавқеи овози ъ, ҳодисаҳои овоӣ дар фолклори Сари Хосор, дар боби сеюм оид ба калимаҳои аслии хоси махзани асосии луғавии забони тоҷикӣ, калимаҳои серистеъмоли фолклори Сари Хосор, синонимҳо, омонимҳо,

антонимҳо ва дар боби чорум вобаста ба мавқеи диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор, диалектизмҳои лексикӣ, фонетикӣ, таснифи диалектизмҳои фонетикӣ, диалектизмҳои фонетикии иқтибосӣ, диалектизмҳои морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ ва диалектизмҳои фразеологии феълӣ сухан мравад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 27 банд ҷамъбаст гардида, барои корбурди минбаъда тавсияҳои судманд дода шудааст.

Масъалаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 монография ва ду луғат чоп шуда, дар коференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 7 гузориш додааст, ки ин аз сермаҳсулии докторантро дарак медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор» кори таҳқиқии бaанҷомрасида ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия дода мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
узви вобастаи АМИТ,
мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва
истилоҳоти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Назарзода С.
«10» 05 соли 2024
**Нишонӣ:** 734013, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 118.
Тел.: (+992) 985-62-44-44.
E-mail: snazarzoda56@mail.ru

Имзои Сайфиддин Назарзодаро
тасдиқ мекунам:
нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакии АМИТ
«10» 05 соли 2024
**Нишонӣ:** 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.